# ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ).**

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисоси илмие, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Таҳқиқоти диссертатсионии Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) ба омӯзиш ва таҳқиқи масъалае бахшида шудааст, ки дар замони муосир аҳамияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Бояд гуфт, ки таҳқиқоти мазкур як давраи муҳими рушди электрокунонии миллати тоҷик дар асри XX ва оғози асри XXI - ро баррасӣ менамояд. Муаллиф дар диссертатсия ташаккул ва рушди инфрасохтори баркро муфассал баррасӣ намуда, рӯйдодҳо ва тамоюлҳои асосиро, ки ба ташаккули системаи энергетикии минтақа таъсир расонидаанд, таҳлил намудааст.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия** аз он иборат аст, ки масъалаҳои электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон дар назди Ҳукумати Тоҷикистони шуравӣ ва дар шароити соҳибистиқлолӣ мавқеи махсус дошт ва дорад. Сабаби асосии ин вазъ аз он иборат буд, ки ноҳияҳои ин минтақа ҳамчун мавзеи муҳофизатии наздисарҳадӣ бо Афғонистон ба ҳисоб мерафтанд. Аз ин рӯ, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақаҳои назди сарҳадӣ дар тахти назорати махсуси ҳукумати кишвар қарор дошт. Дар баробари ин, дар давраи

истиқлолият масъалаи электрикунонии минтақаҳои ҷанубу шарқӣ хеле мубрам гашт. Аммо ба ақидаи мо, инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа ба воситаи электрикунонӣ неруи асосии истеҳсолкунанда ва созмондиҳандаи инкишоф ва ободии минтақа маҳсуб меёбад. Имрӯз барои муҳаққиқони соҳаҳои гуногун вақти он фаро расидааст, ки ғайр аз муҳокимаи ин масъалаҳо ба таҳқиқи он бештар таваҷҷуҳ намоянд. Масалан, таҳқиқоту корҳои алоҳидае, ки муҳимтарин масъалаҳои электрикунонии минтақаро дар тамоми давраи баъдиҷангӣ равшан месозанд, ҳанӯз анҷом дода нашудаанд. Ғайр аз ин, иттилоот дар бораи электрикунонии минтақа баъди ба истифода супоридани НБО Ивазшаванда (Перепадная ГЭС Вахшского каскада – эзоҳи мо) ва Марказӣ, ки ҳанӯз баъди ба истифода супоридани қисми асосии НБО Норак фаъолият доштанд, кофӣ нест. Ҳатто агар қувваи барқ дар ин истгоҳи барқӣ аввалин бор ба минтақаҳои номбурда расида бошад ҳам, маълумот дар бораи он ки чӣ тавр раванди мазкур ба рушдёбии истеҳсолкунандагии равандҳои меҳнатӣ дар ноҳияҳои наздисарҳадӣ, фарҳангу иҷтимоиёти онҳо таъсир расонидааст, ё хеле кам аст, ё тамоман вуҷуд надорад. Бисёре аз масъалаҳо, аз қабили вазъи афзалиятноки минтақаи мазкур, мавҷудияти равандҳои тезшавандаи электрикунонии минтақа ва таъсири ин равандҳо ба ташаккулёбии инкишофи ин минтақа то ба ҳол равшан нестанд. Аз ин рӯ, зарурати омӯзиши ҷиддӣ ва таҳлили ҷузъиёти масъалаҳои мазкур пеш омад, ки ин мубрамии мавзуи таҳқиқшавандаро муайян мекунад.

Ҳамин тавр, омӯзиши «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» бе баҳс мавзуи мубрам мебошад ва он имконият медиҳад, ки тамоми сарчашмаву маводи илмӣ роҷеъ ба масъалаи маскур дар доираи як диссертатсия ба риштаи таҳлили илмӣ кашида шавад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳое илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Диссертатсияи

Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ бо пешниҳоди як қатор навгониҳо ва хулосаҳои илмии нав, ки ба масъалаи омӯзиши таърихи электрикунонии кишвар бахшида шудаанд, дар фазои илмии ватанӣ саҳми назаррас мегузорад. Муаллиф бо истифода аз методҳои гуногун таҳлили муфассали мавзуи мазкурро ба роҳ мондааст. Ин равиш имконият фароҳам меорад, ки хулосаҳои илмии бадастомада на танҳо дорои аҳамияти назариявӣ, балки тавоно барои татбиқ дар амалияи сиёсатгузорӣ бошанд. Дараҷаи навгонии рисолаи мазкур, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар он таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон ва рушди минбаъдаи соҳаи энергетик таҳқиқ гардидаанд. Дар диссертатсия назар ва андешаҳои муҳаққиқони мухталиф оид ба масъалаи мазкур ҷамъоварӣ ва таҳлил шудаанд. Нуктаҳои илмие, ки ба дифоъ пешниҳод гардидаанд, илман асоснок мебошанд.

Дар маҷмӯъ, навгонӣ, хулоса ва пешниҳодҳои дар ин таҳқиқот баёнгардида ба рушди минбаъдаи дониш дар соҳаи таърихи электрокунониӣ мусоидат намуда, барои ҳимоя як қатор нуктаҳои илмии боарзишро дар сатҳи баланди академикӣ пешниҳод менамоянд.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсияи Алимардонзода Б.М. натиҷаи таҳқиқоти ҳамаҷониба ва дақиқ мебошанд, ки бар асоси таҳлилҳои мукаммали назариявӣ ва таҷрибавӣ таҳия шудаанд. Муаллиф барои таҳқиқи мавзӯъ як силсила усулҳои муосири таҳлилро истифода бурда, таърихи ташаккул ва ҳадафҳои электрокунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистонро дар ду давраи таърихӣ, яъне замони шуравӣ ва дар шароити соҳибистиқлолӣ баррасӣ намудааст.Муаллиф тавонистааст таҳаввулот ва омилҳои таъсиргузорро бо истифода аз далелҳои амиқ ва таҳлили маълумотҳои гуногун аз ҷумла, маълумотҳои расмӣ, санадҳои таърихӣ ва бойгониро баррасӣ намояд.

Хулосаҳо ва тавсияҳо ба таври возеҳ ва мантиқӣ асоснок шудаанд ва бо далелҳои қавӣ ва таҳлилҳои пурра дастгирӣ меёбанд. Тавсияҳои пешниҳодшуда дорои хусусияти татбиқшаванда буда, метавонанд дар амалияи сиёсатгузории давлатӣ дар самти расидан ба истиқлолияти энергетикӣ нақши муҳим бозанд.

Дар маҷмӯъ, хулосаҳо ва тавсияҳои ин диссертатсия бо роҳҳои илмӣ ва мантиқӣ пурра асоснок гардида, барои таҳқиқоти минбаъда ва амалигардонии сиёсати энергетикӣ ҳамчун як манбаи боэътимод хизмат мекунанд.

**Нашри натиҷаҳои таҳқиқ аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия. Доир ба натиҷаҳои таҳқиқот, ки бо кори диссертатсионӣ алоқаманданд, 12 мақолаи илмӣ нашр гардид, аз он ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар нашрияҳои аз тарафи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тақризшаванда ва 7 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расид.

Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, дар бандубасти кор принсипи хронологӣ истифода бурда шуд. Диссертатсия дар 167 саҳифаи компютерӣ чоп шуда, дорои рӯйхати ихтисорот ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, ҳафт зерфасл, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (ҳамагӣ 175 номгӯй) иборат аст.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи Комиссия.** Диссертатсияи пешниҳодшуда мутобиқи меъёрҳо ва талаботи амалкунандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва тартиб дода шудааст. Довталаби илмӣ зимни таҳияи диссертатсия талаботи «Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия»-ро, к ибо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.03.2022, №3 тасдиқ шудааст, пурра ба

инобат гирифтааст.

**Эродҳо нисбат ба мазмуну муҳтавои диссертатсия.** Бо вуҷуди он ки диссертатсияи пешниҳодшуда бо муҳтавои бой ва таҳлили илмии васеъ фарқ мекунад, баъзе нуктаҳои зерин метавонанд ҳамчун пешниҳод ё эродҳои сабук арзёбӣ шаванд, ки барои такмили минбаъдаи тадқиқот ва густариши доираи таҳлил муфид хоҳанд буд.

1.Дар диссертатсия аз маводҳои бойгонии ҳамаи ноҳияҳои ҷанубии шарқии Тоҷикистон истифода нашудааст.

2.Дар диссертатсия адабиёти ёддоштӣ намерасад. Хуб мешуд, ки дисертант дар таҳқиқоти минбаъда аз ёддоштҳои роҳбарони давлатию ҳизбӣ истифода мекард.

3.Дар таҳқиқоти мазкур аксари сарчашмаҳои истеҳсоли қувваи барқ дар Тоҷикистон нишон дода шудааст. Вале мисолҳои истеҳсоли қувваи барқ, аз ҷумла аз нури Офтоб ва кумур қариб ки ба назар намерасад.

Бояд гуфт, ки ин эродҳо хислати тавсиявӣ доранд ва ҷиҳати такмили минбаъдаи тадқиқот ифода ёфтаанд. Онҳо ба мазмуни асосии илмӣ ва сатҳи таҳқиқоти муаллиф таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Зеро натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур мустақилона аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, кори илмӣ дорои навгониҳои назаррас мебошад, хулосаҳо ва тавсияҳои муаллиф асоснок ва боэътимоданд. Автореферати диссертатсия мундариҷа ва муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар мегирад.

Хулоса, диссертатсияи унвонҷӯ Алимардонзода Бобохон Маҳмадӣ дар мавзуи «Таърихи электрикунонии ноҳияҳои ҷанубу шарқии Тоҷикистон (солҳои 20-уми асри XX – ибтидои асри XXI)» дар асоси таҳлили илмии омӯзиши ҳаматарафа аз маводҳои бойгонӣ, адабиёти илмӣ, ёддоштҳо, маводҳои нашрияҳои даврӣ ва бойгониҳои ҳизбӣ пешниҳод шуда, ба талаботи бандҳои 31-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-

юми июни соли 2021, №267 бо тағиру иловаҳо аз 26.06.2023, № 295 тасдиқ гардидааст, комилан ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқаррризи расмӣ:**
**доктори илмҳои таърих, профессор,**
**сарходими илмии шуъбаи таърихи**
**навтарини Институти таърих,**
**бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба**
**номи А.Дониши Академияи миллии**
**илмҳои Тоҷикистон,** **Ҳотамов Н.Б.**

*Имзои Ҳотамов Н.Б.-ро тасдиқ мекунам:*

**Нозири калони шуъбаи кадрҳои**
**Институти таърих, бостоншиносӣ**
**ва мардумшиносии ба номи**
**А.Дониш АМИТ** **Файзуллоева Г. Қ.**

ШУЪБАИ КАДРҲО

«04» 09 2025

Суроға: 734025 ш.Душанбе,хиёбони Рӯдакӣ,33,
Иниститути таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии
ба номи А.Дониш АМИТ
Телфон: (992) (372) 221 37 42; 935142077
E-mail: anush.h96@gmail.com